# СУРАТМАҶЛИСИ № 53

## аз ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002

**20 апрели соли 2021** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 23 нафар аъзои якдафъаинаи шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2021, №71/ҳя тасдиқгардида, 19 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравfанд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Ифтитоҳ гардидани ҷаласа якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнатӣ; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

Аз рӯи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ Сафарзода Б.А. ва аъзои комиссияи ташхис Золотухин А.В., Маҳмадуллозода Н.Р. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

Диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнатӣ; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

1. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд: Маликова Азиза Хорисовна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи ҳуқуқ ва фалсафаи Донишгоҳи давлатии иқтисодии Самара (ш. Самара, Федератсияи Россия) ва Мансуров Умед Абдуфаттоҳович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ноиби ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

2. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда таъин карда шавад: Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд).

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

4. Санаи ҳимоя 27 августи соли 2021 соати 14:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**